**ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-043-И НАЗДИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА”**

**ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

парвандаи аттестатсионнии №1
қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 19 сентябри соли 2020, № 10

**дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13. 00. 05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ**

Диссертатсияи **Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович** дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси оянда фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – «Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» 11 январи соли 2020 (суратҷаласаи №3) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6 D. КОА-043 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, ки дар назди МДТ “ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода” (734032, ш. Душанбе, кӯч. Борбад, 73 “а”, www. ddst.tj.) фаъолият дошта, бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2019, тахти №269 тасдиқ гардидааст, барои ҳимоя қабул шудааст.

Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович 6 октябри соли 1984 дар ноҳияи Рашт, дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Миллаташ – тоҷик. Соли 2001 ба факултети технологияҳои информатсионии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат дохил шуда, онро соли 2006 бо ихтисоси системаҳои

информатсионӣ дар иқтисодиёт хатм намудааст. Аз соли 2007 то соли 2012 ба ҳайси дизайнер - тарроҳи нашрияи «Соҳибкор» ва баъд ба сифати омӯзгори кафедраи «Низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт» - и Доиишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат фаъолият кардааст. Аз соли 2013 то ин ҷониб дар МДТ "Доиишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" ба ҳайси омӯзгори кафедраи «Информатика» ва соли 2015 ба вазифаи сардори Маркази тестӣ ва хизматрасонии техникӣ таъйин шуда, кору фаъолият дорад. Соли 2019 бо нишони Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шудааст.

Мавсуф солҳои 2014-2018 аспирантураи назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистонро хатм намуда, имтиҳонҳои номзадиро бо баҳои зерин супурдааст:

1. Таърихи илм ва фалсафа - 4 ; (хуб) аз 19 май соли 2015.
2. Забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб) аз 14 май соли 2016.
3. Педагогика - 5 (аъло) аз 14 ноябри соли 2019
4. Ихтисос (назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ) - 5 (аъло) аз 19 декабри соли 2019

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" аз 22 декабри соли 2019, №5 дода шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Раҳмонов А.А. дар Шӯрои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 29.11.2014, №8 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович дар кафедраҳои педагогика ва низоми иттилоотӣ дар фарҳанг ва технологияҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ ва сайёҳии ДМТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода" омода гардида, 3 октябри соли 2019 (суратҷаласаи №2), аз ҷониби аъзои кафедраи мазкур баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод

карда шуд. Шӯрои диссертатсионӣ 11 январи соли 2020 (суратҷаласаи №3) диссертатсияро ба ҳимоя тавсия намудааст.

Матни автореферати диссертатсияи Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович ва эълон дар хусуси ҳимоя саиаи 11 феврали соли 2020 дар сомонаи расмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомони расмии МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода" (www.ddst.tj) ҷойгир карда шудаанд. Автореферат санаи 13 апрели соли 2020 тибқи рӯйхат тавзеъ шудааст.

Аз рӯи санҷишҳои низоми «Антиплагиат» ҷиҳати асолати матни автореферати диссертатсияи Раҳмонов А.А. маълумотнома бо нишондоди мусбати 92,82% пешниҳод шудааст.

Диссертатсия бори аввал ба ҳимоя пешниҳод мешавад. Тамоми ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳодшуда мувофиқ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, дар парвандаи шахсии унвонҷӯ қарор доранд.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода" Латифзода Диловар Назришоҳ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шарипов Фаридун Файзуллаевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17; Тел.: (+992-90) 002-10-28; E-mail: www.tnu.tj.

**Қодиров Фазлиддин Садриддинович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори шуъбаи таълими Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат. Сурога: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5; тел: (+992 93) 411-96-42, E–mail: edelvis-07@mail.ru

**Ба диссертатсия такризҳои мусбат додаанд:**

**Ташкилоти тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Бобоҷон Ғафуров дар тақризи мусбати худ (аз ҷониби раисикунандаи ҷаласа, мудири кафедраи “Санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқӣ ” - номзади илмҳои педагоги, дотсент Ҷалилова Ҳ.А., ташхисгар - доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов О.А. ва котиби ҷаласа - Исваиён Н.А. ба имзо расида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров - профессор Ҷ.Ҷӯразода тасдиқ шудааст), қайд менамояд, ки диссертатсияи «Хусусиятҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ», бешубҳа, таҳқиқоти илмии комилан мубрам, анҷомёфта ва арзишманд ба ҳисоб рафта, ба мавзӯи хеле муҳим ва таҳқиқнашуда бахшида шудааст. Унвонҷӯ бо хулосабарориҳо ва тавсияҳои пешниҳодкардаи илмии худ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузоштешуда ба хубӣ баромадааст. Натиҷаи таҳқиқот бо низом, хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, бо методологияи муносибати интегративӣ ва системавӣ асоснок шуда, ба методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот таъмин карда шудаанд. Мақолаҳо ва фишурдаҳои бачопрасидаи муаллиф мазмуни таҳқиқотро пурра дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқот дар амал тасдиқи худро ёфтаанд.

Диссертатсия аз лиҳози натиҷаҳои бадастомада, усулҳои таҳқиқот ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - “Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ” арзанда мебошад.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 1 монография, 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишорёфта ва 4 дастури таълимӣ

таҷассум ёфтааст.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Раҳмонов, А. Ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯ: ҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ [Матн] / А. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №5. – С.311-315. ISSN: 2074-18-47.
2. Раҳмонов, А. Фарҳанги иттилоотӣ ва роҳҳои ташаккули он дар ниҳоди мутахассиси ояндаи фарҳанг [Матн] / А. Раҳмонов // Фарҳанг ва санъат. – 2019. –№2. – С.40-44. ISSN: 2616 - 8944.
3. Раҳмонов, А. Ҷанбаҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон [Матн] Д. Н. Латифзода, А. Раҳмонов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. –№4. –С.274-279. ISSN: 2074-18-47.

**II. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрия ва маҷмӯаҳои илмӣ чоп шудаанд:**

4. Раҳмонов, А. Проблемаҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии шахсият [Матн] А. Раҳмонов // Фарҳанг ва санъат. – 2018. – №3. – С.82-87.
5. Раҳмонов, А. Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар дарсҳои мусиқӣ [Матн] А. Раҳмонов, А. Маҳмурод // Фарҳанг ва санъат. – 2018. – №3. – С.88-91.
6. Раҳмонов, А. Вопросы изучения педагогических аспектов информационных технологий [Текст] А. Рахмонов // Педагогический потенциал современных технологий социально-культурной деятельности: Материалы Всероссийской электронной научно-практической конференции (25-30 ноября Казань, 2017 г.). – Казань, 2017. – С.71-78.
7. Раҳмонов, А. Роль информационно-коммуникативной компетенций в сфере художественного образования [Текст] А. Рахмонов // Теория и практика формирования культуры детей и молодёжи: Мат-лы всерос.

науч. конф. с международным участием (Челябинск, 18 декабр 2018,). – Челябинск, 2018. – С. 213-216.

8. Раҳмонов, А. Заминаҳои рушди технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] А. Раҳмонов // Инкишофи технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: самтҳои афзалиятнок ва инноватсионӣ: Маҷмӯи мақолаҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2018. – С.222-226.

9. Раҳмонов, А. Нақши иттилоот дар фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳо [Матн] А. Раҳмонов // Маҷмӯи мақолаҳои конфронси илмӣ-назариявии коллеҷи омори ш. Вахдат бахшида ба "Соли ҷавонон" ва "20- солагии ваҳдати миллӣ.- Вахдат, 2017. – С.70-73.

**III. Китоб ва дастурҳои нашршуда:**

10. Раҳмонов, А. Асосҳои алгоритм ва забони барномасозии Visual basic [Матн]: Дастури методӣ оид ба иҷрои корҳои лабораторӣ / А. Раҳмонов. – Вахдат, 2017. – 62 с.

11. Раҳмонов, А. Баҳисобгирии фонди китобхона [Матн]: Дастури методӣ / С. Файзов, А. Раҳмонов. – Душанбе, 2015. – 38 с.

12. Раҳмонов, А. Информатика [Матн]: Васоити таълимӣ / А. Раҳмонов. – Душанбе, 2013. –152 с.

13. Раҳмонов, А. Кори мустақилонаи донишҷӯ аз фанни информатика [Матн]: Дастури методӣ / А. Раҳмонов. – Душанбе, 2015. – 42 с.

14. Раҳмонов, А. Фарҳанги иттилоотии донишҷӯ [Матн]: Монография. – Душанбе, 2020. – 164 с. (дар ҳаммуаллифӣ бо Латифзода, Д.).

**Ба автореферати диссертатсия 4 тақризи мусбат ворид шудааст,** ки дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ хулосаҳо пешниҳод шудаанд.

1. **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович -** доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон. *Эродҳо вуҷуд надоранд.*

2. **Семенова Е.В. -** доцент, кандидат педагогических наук, заведующая кафедрой социально-культурной деятельности Челябинского государственного института культуры. *Эродҳо вуҷуд надоранд.*

3. **Ғуломзода Қурбон Ғулом -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори Раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. *Эродҳо вуҷуд надоранд.*

4. **Сабуров Убайдулло Сахдуллоевич -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. *Эродҳо вуҷуд доранд.*

Дар тақризҳо таъкид мешавад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи таъйинкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Ҳамчунин, дар онҳо ҷанбаҳои мусбат, навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳамияти илмию амалии таҳқнкот зикр шудаанд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** бо қарори Шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА-043, аз 11 январи соли 2020 тибқи бандҳои 63, 64, 65 "Низомнома оид ба шӯроҳои диссертатсионӣ", ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 2015, №14 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шӯрои диссертатсионӣ зикр мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ:**

- асосҳо ва шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯён мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст;
- нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия барои нисбатан амиқу васеъ дарк кардани мақом, аҳамият, сохтори фарҳанги иттилоотӣ ва хусусиятҳои он дар робита бо фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои

мутахассиси оянда **асоснок карда шудаанд;**

- хусусиятҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯ- мутахассисиояндаи соҳаи фарҳанг бо истифода аз неруи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ **ошкор гардидаанд**, ки ба ягонагии ҷанбаҳои иттилоотӣ-маърифатӣ, таъсиррасонии ҳиссӣ-бадеӣ ва ҷалбнамоӣ ба технологияҳои компютерӣ асос ёфта, тибқи тобиши эҷодиву эстетикӣ, дастрасии барномаҳо ва таъсиррасонӣ ба шуур ва эҳсосот раванди таҳсилотро ба маротиб афзун мегардонад;

- роҳҳои татбиқи иттилоотикунонии раванди таҳсилот, ҳамчун самти асосии навсозии таълиму тарбия, фаъолияти мутахассисиояндаи соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон **муайян ва нишон дода шудаанд;**

**- исбот шудааст**, ки консепсияи фарҳанги иттилоотӣ чун ҷузъи таркибии сохтори фаъолияти иттилоотии инсон ва иҷтимоӣ - фарҳангии ӯ ба шумор рафта, дар вазъияти нави иҷтимоӣ - фарҳангӣ салоҳияти муҳимми мутахассиси соҳаи иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва талаботи ҳатмии фаъолияти касбии ӯ маҳсуб меёбад;

- ғояи асосии консепсияи иттилоотикунонии таҳсилоти соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, муносибатҳои инсониву таҷрибавӣ-амалӣ таҳия карда шуда, дар асоси он заминаҳои иттилоотикунонии раванди таълиму тарбия дар ин низом **ошкор гардидаанд.** Консепсия дар ниҳоди муҳассилин муносибати томро ба ҷаҳони фарогиранда, инсон, иттилоот, прогресси техникӣ, меҳнат ва ғ. ташаккул дода, онҳоро чун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ инкишоф медиҳад;

- заминаҳои иттилооотикунонии раванди таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, идеяҳои асосӣ ва ҳадафҳои методологияи таҳиягардида, дар барномаи педагогии ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯ бо истифода аз неруи бадеӣ-эҷодии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ **асоснок гардидаанд**;

- барномаи педагогии ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассис дар шакли барномаҳои таълимӣ, силлабусҳо, коркардҳои эҷодӣ вобаста ба фанҳои технологияҳои информатсионӣ ва тахассусӣ, таҳияи базаи маълумот, барномаҳои компютерии консертҳои театронидашуда, ороиши бадеӣ - декоративии спектаклҳо ва иду маросимҳо феҳристи китобхонавӣ ва ғ., **таҳия карда шудааст**, ки сатҳу сифати раванди таълими донишҷӯро дар муассисаҳои таҳсилоти олии фарҳанг ва санъат баланд мебардоранд;

- дар асоси муносибати аксиологӣ ва интегративӣ он нукта **мушаххас карда шудааст**, ки фаъолияти иттилоотӣ ҷузъи таркибии фарҳанги умумӣ маҳсуб ёфта, таълими фанҳои технологияҳои информатсионӣ танҳо кори омӯзгорони фанҳои технологияҳои информатсионӣ набуда, кулли фанҳои тахассусиро фаро гирифта, дар пайвастагии якдигар фазои иттилоотии донишҷӯён ва омодагии касбии онҳоро васеъ мегардонад;

- шароитҳои ташкиливу педагогиии ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи соҳаи фарҳанг **ошкор карда шудаанд**, ки муҳимтаринашон инҳоянд: мутақобилаи зичи мазмун, шакл ва воситаҳои таълим тавассути технологияҳои иттилооотӣ ва компютерӣ; мутобиқ гардонидани фанни тадрисшавандаи технологияҳои иттилоотӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ ва ғ.;

**- муқаррар карда шудааст**, ки ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯ тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ раванди мураккаб, тӯлонӣ буда, дар ҷараёни он муассисаҳои ҷудогонаи таҳсилоти миёна ва олии фарҳанг ва санъат муттасил вазифаҳои муҳимро оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди таҳлилу ҳаллу фасл қарор медиҳанд;

- корҳои озмоишӣ ташкил ва баргузор, **ҷамъбаст ва натиҷагирӣ карда шудаанд;**

- маълумоти бадастовардашуда таҳия ва силсилабандӣ шудааст;

- натиҷаҳои асосии корҳои таҳқиқотӣ ва озмоишӣ ҷамъбаст карда шудаанд ва дар асоси ин натиҷаҳо **пешниҳоду тавсияҳо ва хулосаҳо таҳия гардидаанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария ва амалия:**

- таҳқиқот имкои медиҳад, проблемаи муҳимми илмӣ, ки аҳамияти бузурги таълимӣ дорад, ҳаллу фасл карда шавад;

- моҳияти фарҳанги иттилоотӣ чун ҷузъи фарҳанг ва фаъолияти иттилоотии инсон, заминаи ташаккули шахсияти донишҷӯ муайян карда шудааст, ки асоси онро таъсири мутақобилаи инсон ва фазои иттилоотӣ-фарҳангӣ ташкил медиҳад;

-консепсияи ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи фарҳанг ва санъат тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ таҳия гардидааст, ки салоҳият муҳимва талаботи ҳатмии фаъолияти касбии ӯ маҳсуб меёбад;

- барномаи таҳнягардидаи педагогии ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи фаъолияти иҷтимоӣ – фарҳангӣ, ки ба принсипҳои мақсаднокӣ, низомнокӣ, пайдарпайӣ ва муносибати интегративӣ, ягонагии мазмунӣ-технологӣ такя менамояд, бо роҳи истифодаи унсурҳои бадей-эҷодӣ, нерумандии эстетикӣ ва шаклҳои инноватсионӣ барои омода кардани мутахассисони соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ мусоидат менамояд;

-технологияҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи соҳаи фарҳанг ва санъат дар робита бо технологияҳои иттилооотӣ-коммуникатсионӣ ва компютерӣ ба низоми таҳсилоти соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ворид гардида, истифодаи неруи онҳо ба яке аз воситаҳои пуртаъсири таълим ва дар сатҳи зарурӣ азхуд намудан, интиқоли иттилоот ва рушди фарҳанги касбии мутахассис табдил меёбад;

- шароитҳои педагогии нерумандии эстетикии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, имкониятҳои унсурҳои маърифатӣ, донишандӯзӣ, бадей-

эҷодии он дар таъмини самаранокии ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯён таҳқиқ ва аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок гардидаанд;

- тавсияҳо ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии соҳавӣ, омӯзгорони мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди тадриси дарсҳои мусиқӣ бо хонандагон, дар такмили омодасозии онҳо ҷиҳати истифодаи барномаҳои махсуси компютерӣ доир ба салоҳияти касбии мутахассиси оянда аз нуқтаи назари методиву амалӣ таҳия шудаанд;

- таҳқиқоти илмӣ ба васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таҳсилоти миёна ва олии касбии соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва воқеияти таҳсилоти фарҳангу санъати Тоҷикистон роҳ мекушояд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амалия:**

- фазои иттилоотӣ ва муҳити омӯзишӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба вуҷуд оварда шавад;

- таъмин намудани худомӯзии сифатан баланди омӯгорони муассиаҳои таҳсилоти олӣ дар курсҳои такмили ихтисос, бартараф намудани баҳогузории аз меъёр зиёд ба сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи компютерии донишҷӯён;

- фаъолияти кабинетҳои методӣ ва иттиҳодияҳои методӣ оид ба баланд бардоштани салоҳияти касбии омӯзгорони соҳаи фарҳанг доир ба истифодаи ТИК самаранок ба роҳ монда шавад;

- базаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии соҳаи фарҳанг ва санъат ва бо маводи назариявию методӣ ва барномавӣ таъмин карда шавад;

- таъмини сатҳи баланди коммуникатсияи рушди забонӣ (муошират) дар истифодаи ТИК, истифода аз шаклу равишҳои анъанавӣ ва муосири таълим, зиёд намудани теъдоди китобхонаю марказҳои ТИК;

- таъсиси маркази муттаҳидгардонидашудаи ТИК дар миқёси ноҳия ва шаҳрҳо барои омӯзгорони мусиқӣ, коллеҷҳо бо заминаи мустаҳками моддӣ ва кадрӣ;

- дар донишкадаҳо ва коллеҷҳои фарҳанг ва санъат самти нави тахассус - “Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар соҳаи фарҳанг” таъсис дода шавад ва ғ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар натиҷагирии мавзӯъ, дар таҳлил ва баррасӣ намудани манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашргардидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба педагогика, назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ ва пешгӯйӣ роҳҳои самараноки ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯён дар низоми таҳсилоти фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

-омӯзиш, таҳлил ва арзёбии вазъи омӯзиши масъалаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

- пешниҳод шудани тавсияҳои методӣ барои мутахассисони ояндаи соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ доир ба роҳу усулҳои истифодаи ТИК дар фаъолияти амалӣ;

- амалӣ карда намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаҳои корҳои таҳқиқотӣ;

Диссертатсияи унвонҷӯ Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович «Хусусиятҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» таҳқиқоти мукаммалест, ки дар чаҳорчӯби он масъалаҳои мухталифи марбут ба мавзӯъ таҳлилу баррасӣ гардида, хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод шудаанд.

Шӯрои диссертатсионӣ ба хулоса омадааст, ки диссертатсияи Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» таҳқиқоти илмии арзишманд ва мустақилона баанҷомрасида буда, ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12,

14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-043 дар ҷаласаи худ аз 19 сентябри соли 2020 (аз 18 нафар аъзои шӯро _15_ нафар ҳузур доштанд) қарор қабул намуд, ки ба унвонҷӯ Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – "Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ" дода шавад.

Ҳангоми гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати_15_ нафар, аз онҳо_2_ нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, натиҷа чунин буд: аз _15_ нафар аъзои шӯро «ҷонибдор - 15», «муқобил» - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раисикунандаи Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Усмонзода Х. У.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Мирахмедов Ф. М.**

***19 сентябри соли 2020***